# ПРОТОКОЛИ

## ҷаласаи васеи шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва ибтидоии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

аз 19.05.2022 №05 ш. Душанбе

Иштирок доштанд:
Лутфуллоева П.- муовини директор, н.и.п., Котибова Ш. – мудири шуъба, н.и.п., Раҳимзода Х.-д.и.п., Давлатшоев И.-н.и.п., Мирхонова Н.-ходими пешбари илмии шуъба, Назриева Ф.-ходими калони илмии шуъба.

## РӮЗНОМА:

Муҳокимаи диссертатсияи унвонҷӯи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Окимшоева Рухсора Суробовна дар мавзӯи "Асосҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълим" (дар асоси маводи Ҷумҳурии Тоҷикистон) аз рӯи ихтисоси 13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ).

## ШУНИДА ШУД:

Ҷаласаро мудири шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва ибтидоии ПРМ ба номи А.Ҷомии АТТ Котибова Ш. кушода эълон намуда, рӯзномаи маҷлисро ба ҳозирин маълум кард ва суханро барои маърӯза ба довталаби дараҷаи илмӣ Окимшоева Р.С. дод.

Окимшоева Р.С. оид ба мубрамии мавзӯъ, мазмуну муҳтавои диссертатсия, навгонии илмӣ ва натиҷаи таҳқиқоти озмоишии баргузоркардааш мухтасар маълумот дод.

Сипас аъзоёни ҷаласа Лутфуллоева П., Давлатшоев И., Назриева Ф., Мирхонова Н. саволҳои худро ба унвонҷӯ пешниҳод намуданд ва унвонҷӯ ба ин саволҳо ҷавоб дод.

Иштирокчиёни ҷаласа Лутфуллоева, Котибова Ш., Раҳимзода Х. мулоҳизаҳои худро оид ба диссертатсияи Окимшоева Р.С. баён сохта, асосан ба диссертатсия баҳои мусбат доданд ва барои боз ҳам беҳтар шудани сифати таҳқиқот эроду тавсияҳои худро манзур карданд.

Ҷаласаи васеи шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва ибтидоии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар асоси фикру мулоҳизаҳои пешниҳодшуда

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Окимшоева Рухсора Суробовна дар мавзӯи “Асосҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълим” (дар асоси маводи Ҷумҳурии Тоҷикистон) кори мустақилона бaанҷомрасида, ки дар он вазифаҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда ҳалли худро ёфтаанд, ҳисобида шавад.

2. Баъд азислоҳи камбудиву эродҳо ва тавсияҳои аз ҷониби иштирокчиёни ҷаласа ироашуда диссертатсия барои муҳокима ба давраи дуюми ташхис пешниҳод карда шавад.

Раиси ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
мудири шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва
ибтидоии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи
А.Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Котибова Ш.П.

Котиби ҷаласа, ходими калони илмии
шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва ибтидоии
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Назриева Ф.А.

Имзои Ш.П. Котибова ва Ф.А.Назриеваро тасдиқ менамоям.

Мудири шуъбаи кадрҳои Пажӯҳишгоҳи
рушди маориф ба номи А. Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.